Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100
назди Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон
(734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзӯи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод гардидааст.

Низоми муосири муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ бо афзоиши вобастагии байни иқтисодиётҳои миллӣ, пайдоиши марказҳои нави таъсири иқтисодӣ ва афзоиши нақши иттиҳодияҳои ҳамгирои минтақавӣ тавсиф мешаванд. Дар чунин шароит, қобилияти давлат барои иштироки самаранок дар равандҳои тиҷорати байналмилалӣ ва иқтисодӣ ба шарти муайянкунандаи суботи иқтисодӣ ва рақобатпазирии он табдил меёбад. Ба андешаи мо, ин масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан муҳим аст, зеро хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захиравӣ ва сохтории иқтисодиёти миллӣ, густариши робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва пайдо кардани механизмҳои нави ҳамкории минтақавиро тақозо мекунад.

Аз ин дигоҳ, яке аз самтҳои муҳими пешбурди манфиатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин рушди ҳамкориҳои тиҷоратию - иқтисоди дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба шумор меравад. Гузашта аз ин, дар шароити таъғирёбии иқтисоди ҷаҳонии муосир, тақвияти равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва таъғирёбии сохтори тиҷорати байналмиллалӣ, рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни мамлакатҳо муҳим мегардад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки аҳамияти омӯзиши муносибатҳои тиҷоратию - иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай на танҳо аз афзоиши ҳаҷми тиҷорати мутақобила, балки аз зарурияти баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, гуногунранг кардани иқтидори содиротӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва тақвияти имконоти транзитӣ ва логистикии кишвар бар меояд. Аз ин рӯ, таҳлили вазъи кунунӣ, мушкилот ва дурнамои муносибатҳои тиҷоратию - иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои узви СҲШ аҳаммияти авалиндараҷа пайдо менамояд.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқот дар он асос меёбад, ки муаллиф масъалаҳои назариявии ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодиро дар

шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ баррасӣ ва таҳлил намудааст. Дар ин ҳошия бояд қайд намуд намуд, ки муҳаққиқ дар баробари таҳлили назариявии ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ба таҳлили назариявӣ ва методологии худи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст, ки хеле хуб аст.

Бояд қайд кард, ки дар заминаи таҳлили осори илмии муҳқиқони ватанӣ ва хориҷӣ унвончӯ дар саҳ 13 - уми автореферат ақидаи муаллифии худро оиди ҳамгирои иқтисодии минтақавӣ ва тиҷорати байналмиллалӣ байён намудааст, ки мувофиқи мақсад аст.

Дар баробари ин муаллиф дар ҷадвали 1 саҳ 15 самтҳои такмили низоми ҳамкориҳои иқтисодии минтақавиро дар доираи СҲШ ба таври мушаххас пешниҳод намудааст. Гузашта аз ин тавре, ки аз автореферат мушоҳида мегардад муҳаққиқ дар асоси маълумотҳои оморӣ ба таври мушаххас ва муфассал гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мамлакатҳои аъзои СҲШ таҳлил намуда ба хулосае меояд, ки ин ҳамкориҳо бояд густариш ёбанд.

Махсусан муҳаққиқ ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои СҲШ-ро ҷузъи калидии рушди иқтисодии кишвар мешуморад ва чунин андешарони менамояд, ки ин ҳамкориҳо ба рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беҳтар шудани мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад. Инчунин таҳлили муфассали ҷалби сармоягузориҳоро аз кишварҳои аъзоёни Созмони ҳамкории Шанхай дар асоси маълумотҳои оморӣ таҳлил ва барраси намудааст (диаграммаи № 4, с.24).

Дар саҳ 26 -уми автреферат бошад муаллиф дуруст иброз медорад, ки яке аз манфиатҳои асосие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамкорӣ бо СҲШ метавонад ба даст орад, ин ҳамкорӣ дар самти гидроэнергетика мебошад. Ба андешаи мо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамкори дар ин самти муҳим бо мамлакатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай метавонад баҳраи зиёд барад. Ҳамзамон ба андешаи унвончӯ соҳаҳои асосие, ки сохтори ҳамкориро муайян мекунанд, инҳоянд: тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика, саноат, молия ва кишоварзӣ. Ин соҳаҳо ҳам манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам имконоти амиқтар кардани равандҳои ҳамгироиро дар доираи СҲШ инъикос мекунанд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар рушди ҳамкориҳои тиҷоратию-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикисон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай мусоидати ҳамаҷониба намоянд.

Новобаста ба дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар авторефератиди диссертатсия чунин камбудӣ низ ба назар мерасад.

- агар унвончӯ имкониятҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз узвият дар ин созмони бонуфуз боз ҳам муфасалтар баён менамуд беҳтар мегардид.

Қайд кардан зарур аст, ки эроди таъкидшуда арзиши мусбӣ ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунад ва хусусияти тавсиявӣ дорад.

Дар умум таҳқиқоти диссертатсионии Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкорӣҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон ба талаботи Низомномаи Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовор дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳон мебошад.

Тақризиҳанда: д.и.и., профессори кафедраи
идораи давлатӣ ва иқтисоди милии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашуров И.С.

Имзои "И.С. Ашуров-ро тасдиқ менамоям,

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурддинзода А.Н.

Суроғаи Академия: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Саҳифаи интернетӣ: www. apa.tj, Email: info@apa.tj
Телефон: (+992 (37) 224-17-86